# Мавзӯи 1: Ҳуқуқ ва рақам

## Фаҳмиши ҳуқуқ

Ҳуқуқ дар ҷомеа бо маъноҳои гуногун фаҳмида мешавад. Он бештар вобаста аст аз касб, шуури ҳуқуқӣ, таҷриба ва дигар омилҳое, ки барои камолоти инсон мусоидат менамоянд. Дар ҷомеа фаҳмиши ҳуқуқ дар 3 сатҳ мушоҳида мешавад: фаҳмиши оммавии ҳуқуқ; фаҳмиши касбии ҳуқуқ; фаҳмиши илмии ҳуқуқ.

**Фаҳмиши оммавии ҳуқуқ.** Вақте сухан дар бораи ҳуқуқ меравад, ҳар шахс бештар эҳсоси ҳуқуқи худро (ҳуқуқи субъективӣ) мекунад, ки ӯ ҳуқуқҳояшро (ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба кор ва ғайра) метавонад таҳти муҳофизати давлат амалӣ намояд. Дар ҷомеаи мо ба ҷойи калимаи "ҳуқуқ", калимаи "ҳақ" бисёр истифода мешавад. Масалан, "ман ҳаққи хондан дорам", "ман ҳаққи гирифтани музди меҳнат дорам" ва ғайра. Яъне шахс ҳарчанд маълумоти ҳуқуқӣ надошта бошад ҳам метавонад дар бораи ҳаққи худаш фикр кунад ва онро амалӣ намояд. Истифодаи калимаи "ҳақ" дар қонунгузорӣ, хусусан Кодекси гражданӣ зиёд ба назар мерасад ва мақсаднок ҳам мебошад.

**Фаҳмиши касбии ҳуқуқ.** Ҳуқуқшиносоне ки дар таҷриба кор мекунанд ба мафҳуми ҳуқуқ таваҷҷӯҳ доранд. Онҳо дар бештари ҳолатҳо ҳуқуқро ҳамчун низоми қоидаҳои ба ҳама ҳатмии рафтор, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда шудааст ва барои танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ равона шудааст, дарк мекунанд. Дар фаҳмиши онҳо бештар ҳуқуқ ба маънои объективӣ (яъне он ҳуқуқҳое, ки дар қонунҳо тавассути меъёрҳо навишта шудааст) нақш бастааст.

**Фаҳмиши илмии ҳуқуқ.** Олимон пеш аз ҳама мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқро пешниҳод кардаанд, ки яке аз онҳо чунин аст: ҳуқуқ - низоми муқаррароти меъёрии умумиҳатмӣ мебошад, ки адолат, озодӣ, ҳуқуқҳои инсон ва арзишҳои дигари ҳуқуқиро инъикос намуда, шаклҳои расмии ифода доранд ва муносибатҳои ҷамъиятиро бо мақсади таъмини муташшакилӣ, тартибот ва рушди ҷомеа танзим мекунанд[1]. Ҳамзамон, олимон дар ин радиф масъалаҳои гуногуни ҳуқуқиро мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳанд, таснифу такмил менамоянд. Фаҳмиши илмии ҳуқуқ аз фаҳмиши омавию касбии он мураккабтар аст, аммо ин боке надорад, зеро, дар илми ҳуқуқ масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳамеша мураккаб ба назар мерасанд ва баъдан он оммафаҳм гардида, манзури кормандони таҷриба ва ҷомеа мегардад.

Ҳамин тавр, мо дар маводи мазкур талош менамоем, ки бештар ҳуқуқҳоро бо таври оммафаҳм баррасӣ намоем. Албатта дар ин миён ҳангоми зарурат мо аз матни қонунҳо ва ақидаи олимон ҳам истифода мебарем, ки барои боварибахш намудани матн муҳим аст.

### Ҳуқуқ ва рақам: нуқтаҳои бурриш

[1] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: "Сино", 2018. – С. 366.

Шурӯъ аз Конститутсия то ҷузътарин санади меъёрии ҳуқуқӣ бо рақамҳо банду баст карда шудаанд. Яъне қисмҳо, фаслҳо, моддаҳо, бандҳо бо рақамҳо ифода карда шудаанд. Аз лиҳози техникаи қонунгузорӣ нақши рақамҳо дар ин ҷода хеле муҳим мебошад. Ин ҷо мо нақши рақамҳоро дар раванди пай дар пай навиштани ҳуқуқҳо мушоҳида менамоем.

Илова ба он дар мазмуни ҳуқуқ низ мо рақамҳоро зиёд мушоҳида менамоем. Масалан, мухлатҳо дар ҳуқуқи граждании бо рақамҳо ҳисобида мешаванд (мухлати умумии даъво 3 сол), дар ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мухлатҳои маҳрум кардан аз озодӣ бо рақамҳо ифода карда мешаванд.

Айни ҳол ибораи "ҳуқуқи рақамӣ" пайдо шудааст, ки он ҷолиби диққат аст. Вақте сухан дар бораи ҳуқуқи рақамӣ меравад, ин ҷо калимаи "рақамӣ" сифати ҳуқуқро нишон медиҳад. Яъне, маҳз ҳуқуқҳое вуҷуд доранд, ки онҳо дар натиҷаи рушди технологияи рақамӣ пайдо шуда, ба истифодабарии онҳо рабт доранд.

Дар тӯли таърих технологияҳо барои пайдоиш ва рушди ҳуқуқ таъсири бузург расонидаанд. Масалан:

Пайдоиши дастгоҳи чопӣ дар асри 16 сабаб шуд, ки қонунҳо доир ба ҳуқуқи муаллиф пайдо шаванд;

Пайдоиши телевизион ва радио дар асри 19-20 сабаб шуд, ки қонунҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф пайдо шавад;

Пайдоиши интернет дар охири асри 20 сабаб шуд, қонунҳо доир ба дастрасӣ ба интернет пайдо шаванд;

Пайдоиши технологияи рақамӣ сабаб шудааст, ки қонунҳои пахши рақамии барномаҳои телевизион, пулҳои рақамӣ ва ҳуқуқҳои рақамӣ пайдо шаванд. Маҳз, дар партави рушди технологияи рақамӣ мо водор шудем, ки ҷанбаҳои ҳуқуқии онро баён намоем.

Айни замон 4 гурӯҳи технологияҳои номбаршуда барои мо маълум аст. Тибқи пешгӯиҳои олимон, оянда технологияҳои квантӣ истифода хоҳанд шуд. Ҳуқуқ ҳамеша ҳамқадами замон бояд бошад. То замоне ки муносибатҳо вобаста ба технологияҳои квантӣ пайдо нашаванд, сухан дар бораи қонунҳои марбут ба он рафта наметованад.

Ташаккулёбии иттилоот тавассути технологияи рақамӣ заминаи асосӣ барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи рақамӣ гардид. Дар ин миён рақамҳои 0 ва 1 нақши калидӣ доранд, зеро маҳз дар асоси ҳамин ду рақам ва комбинатсияҳое, ки дар асоси он сохта мешаванд, калимаҳо ва баъдан ҷумлаю матнҳо сохта мешавад. Ҳар калима, ҷумла ва матне, ки мо дар компютер мехонем, онҳо дар зерманзари компютер маҳз тавассути ҳамин ду рақам навишта мешаванд. Маҳз "рақамӣ" номидани технологияи ҳозира ҳам аз ҳамин сарчашма мегирад. Баъдан ниёз ба истифодаи қонунии технологияи рақамӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор сохт, ки атрофи ҳуқуқи рақамӣ фикр намоянд.

Ҳамин тавр, дар самтҳое, ки технологияҳои рақамӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ васеъ истифода мешавад ва зарурти танзими ин муносибатҳо пайдо гашт, онро "ҳуқуқи рақамӣ" номиданд. Яъне ҳуқуқҳоеро, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба истифода, ҳифз ва муомилоти технологияҳои рақамӣ равона шудаанд, ҳуқуқи рақамӣ меноманд. Аммо барои фаҳмиши дуруст ва дақиқ мо ибораи "танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои рақамӣ"-ро истифода менамоем. Зеро, ҳоло ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ё соҳаи қонунгузорӣ гуфтани "ҳуқуқи рақамӣ" барвақт аст ва санадҳои ҳуқуқии кифоя дар ин соҳа қабул нашудааст, таҷрибаи судӣ ҳам ташаккул наёфтааст, маводҳои илмӣ ҳам мукаммал ва устувор нестанд. Аз ҳамин сабаб мо ба масъалаи танзими он муносибатҳое аҳамият медиҳем, ки ба истифодаи технологияи рақамӣ равона шудаанд. Шояд оянда дар заминаи пайдоиши маводи зарурӣ замоне расад, ки мо ҳуқуқи рақамиро ҳамчун соҳаи алоҳида баррасӣ намоем.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Самад хонандаи макбати миёна мебошад. Ӯ оянда ҳуқуқшинос шудан мехоҳад. Барои пайдо кардани донишҳои ҳуқуқӣ ӯ ба назди шумо, ки донишҷӯи бахши ҳуқуқ мебошед, омада, муроҷиат кард. Шумо ба ӯ чӣ тавсияҳо медиҳед?

**Масъалаи №2.** Аҳмад дар шоҳидии Лоиқ ба Самад қарз дода буд. Аммо Самад қарзро хоҳиши баргардондан надорад, балки мегӯяд ин як муомилоти дӯстона ва хайр буд. Барои ҳалли баҳс ба суд муроҷиат карданд. Суд баҳси онҳоро тибқи талаботи Кодеси гражданӣ ҳал намуд. Ҳангоми ҳал кардан судя аз тафсири кодекси гражданӣ, ки онро олимон навиштаанд, истифода намуд. Дар ин масъала кадом сатҳҳои фаҳмиши ҳуқуқ мушоҳида мешавад?

## Тестҳо

**№1. Калимаи "ҳақ" дар қонунгузорӣ истифода мешавад?**

А) Бале, дар баъзе қонунҳо ва кодексҳо ба назар мерасад;
Б) Чунин калима дар қонунгузорӣ истифода намешавад;
В) Калимаи "ҳуқуқ" истифода мешавад;
Г) Калимаи "ҳақиқат" истифода мешавад.

**№2. Дар ҷомеа фаҳмиши ҳуқуқ дар чанд сатҳ мушоҳида мешавад?**

А) Дар се сатҳ;
Б) Дар ду сатҳ;
В) Дар як сатҳ;
Г) Дар чор сатҳ.

**№ 3. Сатҳҳои фаҳмиши ҳуқуқро номбар намоед:**

А) Сатҳи оммавӣ, касбӣ, илмӣ;
Б) Сатҳи оммавӣ;
В) Сатҳи оммавӣ, касбӣ;
Г) Сатҳи оммавӣ, касбӣ, илмӣ, маънавӣ.

**№4. Пайдоиши технологияҳо ба ҳуқуқ чӣ таъсир доранд?**

А) Ҳуқуқҳое пайдо шуданд, ки истифодаи дурусти технологияҳоро муайян карданд;
Б) Ҳеч таъсире надорад;
В) Ҳуқуқ боиси пайдоиши технологияҳо мешавад;
Г) Таъсири технология ба ҳуқуқ бо стандартҳо муайян мешавад.

**№5. Ҳуқуқҳои рақамӣ чӣ маъно доранд?**

А) Он ҳуқуқҳое, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба истифода, ҳифз ва муомилоти технологияҳои рақамӣ равона шудаанд, ҳуқуқи рақамӣ меноманд.
Б) Ҳуқуқҳое ки тарзи истифодаи рақамҳоро дар қонунҳо муайян мекунанд, ҳуқуқи рақамӣ меноманд.
В) Ҳуқуқҳои вобаста ба интернетро ҳуқуқи рақамӣ меноманд.
Г) Ҳуқуқҳои вобаста ба киберҷиноятҳоро ҳуқуқи рақамӣ меноманд.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Аз адабиётҳо 3 мафҳуми ҳуқуқро навишта, онҳоро муқоиса намоед.
- Раванди таъсири технологияҳоро ба рушди ҳуқуқ тавсиф намоед.
- Нуқтаҳои бурриши рақамҳоро бо ҳуқуқ шарҳ диҳед.

## Саволҳо барои худсанҷишӣ

Мафҳуми ҳуқуқ чист?
Мафҳуми ҳуқуқро шарҳ диҳед?
Мафҳуми ҳуқуқ аз истилоҳи ҳуқуқ чӣ фарқ дорад?
Ҳуқуқ дар чанд сатҳ фаҳмида мешавад?
Ҳуқуқ аз қонун чӣ фарқ дорад?

## Адабиёт

Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: “Сино”, 2018. 784 с.

Цифровое право: учебник / под общ. ред. В.В. Блажеева, М.А. Егоровой // Московский государственной юридический университет имени О.Е. Кутафина (МГЮА) – М.: Проспект, 2020. –870с.